# ТАҚРИЗ

**ба автореферати кори диссертатсионии Ғаниев Наҷмиддин Хуршедович дар мавзӯи “Таъсири гепатопротектории маҷмӯи растаниҳои доругии маводи «Гепатрил» ҳангоми осеби токсикии ҷигар бо $CCl_4$”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯйи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ.**

Чигунае, ки ба ҳамагон маълум аст табиати Тоҷикистон бинобар шароити мусоиди иқлим хеле гуногун ва бой мебошад. Дар замонаи ҳозира яке аз проблемаҳои асоси барои гепаталогияи муосир ин дар асоси маводҳои растаниги омода намудани пайвастагии фаъоли биологи барои табобати беморон мебошад. Муалифи автореферати кори диссертатсионии худро, дар асоси растаниҳои шифобахши сарзаминамон маводеро барои омӯзиш қарор додааст, ки номгузори кардааст Гепатрил ва дар таҳқиқотҳои анҷомдодаи худ оиди хосияти гепатопротектории он маълумотҳои муфассал пешниҳод намудааст.

Ҳамчунин, оид ба растаниҳои шифобахше, ки ҳангоми каслиҳои ҷигар истифода мешавад муаллиф таҳқиқотҳои муҳим анҷом дода шудааст. Бартарии хоси гепатопротекторҳои растанӣгӣ ватани надоштани таъсири назарраси ангезави ҳангоми истифодаи дарозмуддат, имкони истифодаи он дар беморони синну соли, гуногун самаранокии баланд ва арзонтар буданашон мебошад. Таҳлили ҳамаҷонибаи маълумотҳои дастраси иллмӣ ба мақсади мувофиқ будани раванди такмил ва коркарди технологияҳои нави ба даст овардани маводи растанигии “Гепатрил” мебошад. Мувофици натиҷаҳои бадаст омадаии биохимияви ҳангоми гепатити токсикӣ дар заминаи чорхлориди карбон дар муқоиса бо ҳайвоноти солим фаъолияти АсАТ 246%, АлАТ 274% ФИ 2 маротиба ва нишондодҳои ДАМ 1,6 маротиба зиёд ба назар мерасад. Аз рӯйи нишондодҳои биохимияви, ки ҳангоми таҷрибаҳо бо ҳайвоноти таҷрибави муайя намудани хосияти гепатопротектории маводи растанигии Гепатрил, ки аз набототи ватани омода шудааст мавриди омузиш қарор гирифтааст.

Аз натиҷаи таҷрибаҳои гузаронидашуда исбот намуданд, ки зери таъсири маводи Гепатрил дар вояҳои зикршуда хосиятҳои гепатопротектори ва зиддиилтиҳобӣ дорад.

Новобаста ба ин  автореферати мазкур аз баъзе камбудиҳои имлоию граммотикӣ иборат аст, ки  сифати корро коҳиш намедиҳад.

Аз рӯйи мубрамии мавзуи таҳқиқотӣ, дараҷаи коркарди илмии пробемаи мавриди омӯзиш, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот илмӣ, объкти таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳмияти амалӣ ва назарияви он дар фарматсия кори диссертатсионии Ғаниев Наҷмиддин Хуршедович, ки барои дарёфти дараҷаи илмии намзади илмҳои фармаисевтӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи “Низомномаи намунави дар бораи Шуроҳои диссертатсионӣ” ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгу мебошад ва унвонҷу барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ сазовор дониста мешавад.

**Тақризнавис:**

Сармутахассиси илмӣ Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои АМИТ, профессор, член-коор АМИТ — Ҷумъаев Б.Б.

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ
Подпись
“ ” 19